# Суратҷаласаи №5

ҷаласаи Шурои диссертатсионии якдафъаинаи 6D.KOA-050-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Назарзода Фирдавс Хоркаш дар мавзуи «Ҷудокунӣ ва таҳқиқи таркиби химиявии равғани тухми зағир (Linum usitatissimum)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 – Технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию ороишӣ аз 31 декабри соли 2024.

Оғози ҷаласа $09^{00}$
Анҷоми ҷаласа $11^{00}$

Шумораи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 20 нафар тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласа 18 нафар иштирок доштанд.

***Раис***: д.и.т., дотсент Ғафоров А.А.
***Иштирок намуданд***:
д.и.т., дотсент Ғафоров А.А. – раиси Шуро;
д.и.т., профессор Иброгимов Х.И. – муовини раиси Шуро;
д.и.т., дотсент Яминзода З.А. –котиби илмӣ;
д.и.б., профессор Мухиддинов А. –аъзои Шуро (маҷозӣ);
д.и.т., профессор Буходуров Ш. – аъзои Шуро (маҷозӣ);
д.и.т., дотсент Амонзода И.Т. – аъзои Шуро;
д.и.х., профессор Муҳиддинов З.К. – аъзои Шуро;
д.и.т., дотсент Юлдашев З.Ш. – аъзои Шуро;
д.и.х., профессор Бандаев С.Г. – аъзои Шуро аз рӯйи ихтисос;
д.и.х., дотсент Раҷабзода С.И. – аъзои Шуро аз рӯйи ихтисос;
д.и.б. Давлятназарова З.Б. – аъзои Шуро аз рӯйи ихтисос;
н.и.т. Махмудова Т.М. - аъзои Шуро аз рӯйи ихтисос;
н.и.б. Ибрагимова С.И. - аъзои Шуро аз рӯйи ихтисос;
н.и.т., дотсент Мирзозода Г.Х. – аъзои Шуро;
н.и.т., дотсент Хушматов А.Т. – аъзои Шуро;
н.и.т., дотсент Сафаров Ф.М. – аъзои Шуро;
н.и.т., дотсент Акрамов Б.Н. – аъзои Шуро;
н.и.т., дотсент Хакимов Г.К. – аъзои Шуро.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи кори диссертатсионии Назарзода Фирдавс Хоркаш дар мавзуи «Ҷудокунӣ ва таҳқиқи таркиби химиявии равғани тухми зағир (Linum usitatissimum)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 – Технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию ороишӣ.

**Роҳбари илмӣ:**

**Ҷурахонзода Рауф Ҷурахон –** доктори (PhD), доктор аз руйи ихтисос, муаллими калони кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экология, муовини ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Муҳиддинов Зайниддин Қамарович** - доктори илмҳои химия, профессор, сарходими илмии озмоишгоҳи кимиёи пайвастагиҳои фаромолекулавии Институти кимиёи ба номи В.И.Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Тураева Гулноз Нормаматовна** - номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсенти кафедраи технологияи истеҳсоли маводи хӯрокаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, **ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.**

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

***Шунида шуд***:

Баромади Назарзода Ф.Х. доир ба моҳияти асосии кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҷудокунӣ ва таҳқиқи таркиби химиявии равғани тухми зағир (Linum usitatissimum)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 – Технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию ороишӣ.

***Баромад намуданд:***

**Аъзоёни Шурои диссертатсионӣ:** саволҳо аз ҷониби д.и.т., профессор Иброгимов Х.И.; д.и.х., профессор Бандаев С.Г.; д.и.х., профессор Раҷабзода С.И.; д.и.т., дотсент Юлдашев З.Ш.; д.и.б., профессор Мухиддинов А.; н.и.т., дотсент Хушматов А.Т.; н.и.т., дотсент Акрамов Б.Н. ва н.и.т., дотсент Мирзозода Г.Х. доир ба мазмуни рисолаи илмӣ, ки довталаб ба саволҳо ҷавобҳои мукаммал ва пурмазмун гардонид.

**Роҳбари илмии довталаб** - доктори (PhD), доктор аз руйи ихтисос, муаллими калони кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экология, муовини ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ Ҷурахонзода Рауф Ҷурахон ба довталаб Назарзода Ф.Х. ва диссертатсияи ӯ тақризи мусбӣ доданд.

Суханронии **котиби Шурои диссертатсионӣ** – д.и.т., дотсент Яминзода З.А. оид ба:

- хулосаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба кори диссертатсионии барои ҳимоя пешбинишуда;
- хулосаи мусбии ташкилоти тақриздиҳанда - Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;
- тақризҳои мусбии воридшуда ба автореферат.

Баромади **муқарризи расмӣ** - доктори илмҳои химия, профессор, сарходими илмии озмоишгоҳи кимиёи пайвастагиҳои фаромолекулавии Институти кимиёи ба номи В.И.Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Муҳиддинов Зайниддин Қамарович** ба кори диссертатсионии довталаб.

Ҷавоби довталаб ба эродҳои тақризи муқарризи якум – Муҳидинов З.Қ.

Баромади **муқарризи расмӣ** - номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсенти кафедраи технологияи истеҳсоли маводи хӯрокаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Тураева Гулноз Норматовнаро** – котиби Шурои диссертатсионӣ Яминзода З.А. қироат намуданд.

Ҷавоби довталаб ба эродҳои тақризи муқарризи дуюм – Тураева Г.Н.

Дар муҳокима аъзоёни Шурои диссертатсионӣ баромад намуданд:

д.и.к., профессор Бандаев С.Г., д.и.к., профессор Раҷабзода С.И., д.и.б. Давлятназарова З.Б., д.и.т., профессор Иброгимов Х.И. ва н.и.т., дотсент Акрамов Б.Н.

Дар баромади аъзоёни Шуро доир ба муҳимияти кори тадқиқотӣ ва дурнамои он дар кишвар ва хориҷ қайд карда шуда, гуфта шуд, ки солҳои охир мавзуи марбут ба масъалаи хӯрока ва ғизои солим хеле актуалӣ шудааст, зеро тағйироти босуръати иқлим ба таъсири омилҳои муҳити зист ба маҳсулоти хӯрокворӣ оварда мерасонад. Зикр гардид, ки таҳқиқҳои зиёд дар ин самт ба растаниҳои равғандор ва барқарор кардани хосиятҳои равғанҳо низ равона шудааст.

Қайд карда шуд, ки довталаб моҳияти кори тадқиқотии худро дар сатҳи баланд муаррифӣ намуда ба саволҳо, эроду камбудиҳои экспертҳо моҳирона ҷавобҳои пурра гардонид.

Раиси комиссияи ҳисобӣ доктори илмҳои химия, дотсент Раҷабзода С.И. аз натиҷаи овоздиҳии пинҳониро оид ба сарфароз гардонидани довталаб ба дараҷаи илмии доктор (PhD) маълумот манзур намуд.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шуро: «тарафдор» 18, «муқобил» – нест, бетараф – нест.

***Қарори Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-050*** :

1. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, диссертатсияи **Назарзода Фирдавс Хоркаш** дар мавзуи «Ҷудокунӣ ва таҳқиқи таркиби химиявии равғани тухми зағир (Linum usitatissimum)», ки Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30.06.2021 барои рисолаҳои номзади илмҳо тасдиқ шудааст, Назарзода Ф.Х. ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 – Технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию ороишӣ сазовор гардонида шавад.

2. Ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тасдиқи хулосаи Шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор гардонидани Назарзода Фирдавс Хоркаш ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 – Технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию ороишӣ бо гувоҳнома муроҷиат карда шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА – 050, доктори илмҳои техникӣ,
дотсент Ғафоров А.А..

Котиби илмии Шурои диссертатсионии
6D.КОА – 050, доктори илмҳои техникӣ,
дотсент Яминзода З.А.

Имзоҳои Ғафоров А.А. ва Яминзода З.А.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорати ДТТ Раҳматтулло Нусратулло

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА И КОНТРОЛЬ